ТОЗ 2
М1
К46

АЗ ҲИКОЁТИ
«БӮСТОН»-И
САЪДИИ ШЕРОЗӢ

## БОЗГӮЙИ ГУЛНАЗАР

# МАРДЕ, КИ ФАҚАТ АЙБ МЕҶӮЯД

«САД ПАНД»



ТО32
МЛ К46

АЗ ҲИКОЁТИ
«БӮСТОН»-И
САЪДИИ ШЕРОЗӢ

БОЗГӮЙИ ГУЛНАЗАР

# МАРДЕ, КИ ФАҚАТ АЙБ МЕЧӮЯД

Китобхонаи давлатии ... Ҷумҳурии То... ба номи М. Ми...
1668 б/ф

**ББК 83,8+83,3(2точик)**
**М-83**

**М-83. Марде, ки фақат айб меҷӯяд.**
Душанбе, «Адабиёти бачагона», 2012.-12 саҳ.

Муассисаи нашриявии «Адабиёти бачагона» тасмим гирифтааст, ки аз ашъори безаволи классикони адабиёти форс-тоҷик силсилакитобҳоро бо номи «Сад панд» барои шумо, хонандагони хурдакаки азизу меҳрубон, дар шакли китобчаҳои пурнақшу нигор нашр намояд. Инак, оғози ин силсила аз қиссаву ривоятҳои пандомӯзу ибратангези маснавии безаволи «Бӯстон»-и носеҳи бузурги форс-тоҷик Шайх Саъдии Шерозӣ 10 китобча, ки Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар мураттаб намудааст, ибтидо мегирад ва пешкашатон мегардад.

ISBN 978-99947-58-62-3 © «АДАБИЁТИ БАЧАГОНА», 2012

Ҷавоне бисёр сухандону суханвар буд. Ҳар гоҳе ки аз ин ё он масъала сухан мегуфт, мардуми ҳозир мафтунаш мешуданд, ба ваҷд меомаданд ва бо як овоз такрор мекарданд:

–Раҳмат ба падараш! Чӣ қадар бо маҳорату зиракию оқилӣ ҳарф мезанад!

Боре як марди раҳгузар суханронии ҷавон ва таҳсину офарингӯии ҳозиринро хеле мушоҳида кард ва дарёфт, ки дар маҳорати сухангӯии ҷавони таърифӣ нуқсон ҳаст; вай баъзе калимаҳоро равшану бурро талаффуз карда наметавонад.

Мард ба шунавандаи паҳлӯяш, ки мӯйсафеди ҷаҳондидае буд, рӯ оварду гуфт:

–Ин ҷавон дар талаффузи баъзе калимаҳо оҷизӣ мекашад, равону возеҳ гуфта наметавонад. Чаро ин қадар ӯро офарин мегӯед?





Мӯйсафед бо ҳайрат ба рӯи марди раҳгузар нигоҳ карду бо маломат гуфт:

– Намебинӣ, ки дандонҳои ин ҷавон нест. Аз ин рӯ, баъзан дар талаффузба норавшанӣ роҳ медиҳад.

–Пас, чаро ӯро таҳсин мекунед, фарёд мебароред, ки суханвари ягона ва нотакрор аст?

Мӯйсафед боз бо ҳамон оҳанги пешина гуфт:

–Ин ҷавон, воқеан ҳам, дар суханронӣ ҳамто надорад. Шунаванда аз равшании фикр ва оҳанги гуфтори ӯ лаззат мебарад.

Марди роҳгузар исрор кард:

–Охир, на ҳама калимаҳоро дуруст талаффуз мекунад!

Мӯйсафед дид, ки ҳамсӯҳбаташ каси якрав ва ҷоҳил менамояд, хост, ки аз ӯ худро дур кашад. Чанд қадам ба пеш гузошту чизе магар ба ёдаш омад,



ки ба қафо, ба назди раҳгузар бозомад ва гуфт:

–Ин ҷавон ҳунарҳои зиёди ҷолибе дорад. Ту онҳоро дида наметавонӣ. Як нуқсони ба ҳама аёни ӯро мебинию бас. Чашми ту камбудро мебинаду муваффақиятро не. Аз ин рӯ, кӯру кар будани ту беҳтар аст.

**Байт:**

**Бувад хору гул бо ҳам, эй ҳушманд,**
**Чӣ дар банди хорӣ ту? Гулдаста банд!**



Адабиёти бачагона



КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДШУДА БАРГАРДОНЕД

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

УП «Сапидвора»

АЗ ҲИКОЁТИ
«БӮСТОН»-И
САЪДИИ ШЕРОЗӢ

## БОЗГӮЙИ ГУЛНАЗАР

# МАРДЕ,
# КИ ФАҚАТ
# АЙБ МЕҶӮЯД

Муҳаррир Наҷмиддин Салоҳиддинзода
Муҳаррири техникӣ Зебо Ҷӯраева
Тарроҳ ва ороишгар Рифкат Галимов
Ҳуруфчин Гулноз Шокирова

Ба чопаш 10.02.2012 имзо шуд. Андозаи 60х84 1/8.
Коғази бурандуд. Чопи офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman Tj.
Ҷузъи чопӣ 0,375. Адади нашр 5000 нусха.
Супориши №22/2012 (АБ0022)

Муассисаи нашриявии «Адабиёти бачагона»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018, Душанбе, к. Н. Қаробоев, 17.
Тел: 98-103-16-75. E-mail: najmiddin64@mail.ru
Сайти муассиса: http://www.adabiet.tj

Адабиёти бачагона

9789994758623